# Соли нави мелодии 2026 муборак, ҳамватанони азиз!

Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

НАШРИ МАХСУС

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№52 (648), 31 декабри соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

# СОЛИ 2026 СОЛИ ВУСЪАТ ДОДАНИ КОРҲОИ ОБОДОНИВУ СОЗАНДАГӢ ВА ТАҚВИЯТУ ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ




**Мо** бояд дар Соли нави мелодӣ ва солҳои дигар ба хотири таҳкими истиқлоли давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва густариши худшиносиву худогоҳӣ, боз ҳам баланд бардоштани мақоми байналмилалии кишварамон сарҷамъу муттаҳид бошем, бештар заҳмат кашем ва тамоми кӯшишу ғайрати худро ба хотири иҷрои рисолати олии ватандорӣ, яъне обод кардани Ватан ва пешрафта гардонидани давлати тоҷикон сафарбар созем.

# ИҶЛОСИЯИ ЧОРУМИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН, ДАЪВАТИ ҲАФТУМ БАРГУЗОР ГАРДИД

**29 декабр, дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон иҷлосияи чоруми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, даъвати ҳафтум таҳти раёсати Давлаталӣ Саид – раиси Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, раиси вилоят, баргузор гардид.**



Дар иҷлосия муовини якуми раиси вилоят, муовинон, роҳбари дастгоҳи раиси вилоят, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, вакилон, раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят фаъолон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Масъалаҳои «Ҳисоботи раиси вилояти Хатлон дар соли 2025», «Дар бораи иҷрои буҷети вилояти Хатлон дар соли 2024 ва тасдиқи буҷети вилоят барои соли 2026», «Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории Маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2026» дар иҷлосия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Нахуст, пас аз садо додани Суруди миллӣ раиси Маҷлиси вакилони халқи вилоят Давлаталӣ Саид иҷлосияро ҳусни оғоз бахшиданд.

Зимнан ҳисоботи раиси вилояти Хатлон оид ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят дар соли 2025 ироа гардид. Зикр шуд, ки давраи ҳисоботӣ барои мардуми шарифи вилояти Хатлон бобарор ва пур аз тадбирҳои сиёсиву фарҳангӣ ва амалигардонии рушди иқтисодию иҷтимоӣ буда, сокинони вилоят барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва сазовор истиқбол намудани 35-солагии ҷашни Истиқлоли давлатӣ чораҷӯӣ карда истодаанд.

- Маврид ба қайд аст, ки соли 2025 соли пурбаракат буд ва ба шарофати қадами муборака Сарвари маҳбуби миллат, ки дар давоми соли равон бо таваҷҷуҳи хос 6 маротиба ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 биною иншоот дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар онҳо беш аз 2200 ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфтанд, - афзуд раиси вилоят Давлаталӣ Саид.

Вакилон ҳамчунин гузориши масъулонро дар бораи иҷрои буҷети вилояти Хатлон дар соли 2024 ва тасдиқи буҷети вилоят барои соли 2026 шуниданд.

Сипас, Нақшаи кории Маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2026 тасдиқ гардид.

Раиси Маҷлиси вакилони халқи вилоят Давлаталӣ Саид оид ба ҳалли камбудиҳои ҷойдошта, самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, истифодаи замин ва ҳолати мелиоративӣ, саноат, энергетика, бонк, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, илм ва маориф, тандурустӣ, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, сайёҳӣ ва дигар масъалаҳо суханронӣ намуда, дар назди вакилони маҷлис ва фаъолони вилоят вазифагузорӣ намуданд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ҚАДРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР ШАҲРИ БОХТАР




**29 декабр бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар Кохи фарҳанги шаҳри Бохтар маросими бошукӯҳи қадрдонии ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст”, “Илм – фурӯғи маърифат” ва “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” баргузор гардид.**

Дар чорабинии мазкур узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, фаъолон, раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, омӯзгорон, хонандагон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Пеш аз оғози қисмати расмии чорабинӣ меҳмонон аз намоиши дастовардҳои толибилмони муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи касбӣ ва умумии вилоят боздид ба амал оварданд. Дар намоиш дастовардҳои эҷодӣ, китобҳои таълифшуда, корҳои инноватсионӣ ва намунаҳои маҳсули зеҳнии хонандагону донишҷӯён ба маърази тамошо гузошта шуданд, ки аз рушди неруи зеҳнӣ ва сатҳи баланди дониши ҷавонони вилояти Хатлон гувоҳӣ медиҳанд.

Зимни суханронии худ Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон таъкид намуд, ки баргузории чунин озмунҳо дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, дар баланд бардоштани маърифати ҷомеа, рушди тафаккури илмӣ ва таҳкими ҳисси ватандӯстии насли наврас нақши муҳим доранд. Раиси вилоят саҳми омӯзгорон ва волидайнро дар омода намудани хонандагон ба озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ махсус зикр намуда, ба онҳо барои заҳмати содиқона ва дастгирии ҳамаҷониба изҳори миннатдорӣ баён кард.

Дар идомаи чорабинӣ ғолибон ва иштирокчиёни фаъоли озмунҳо бо дипломи ифтихорномаҳо, сипосномаҳо ва туҳфаҳои молиявӣ қадрдонӣ гардиданд. Маросими қадрдонӣ дар фазои тантанавӣ ҷамъбаст гардида, барои иштирокчиён барномаи фарҳангӣ пешкаш карда шуд, ки он ба чорабинӣ ҳусни дигар зам намуд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ, “Ҳамрози халқ”**

# ЧОРАБИНИИ СОЛИНАВӢ ДАР ҚИСМИ ҲАРБӢ









**Дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҳизбӣ, санаи 28 декабр дар Дидбонгоҳи сарҳадии «Даҳана»-и қисми ҳарбии 0341-и Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳияи Шамсиддин Шоҳин чорабинии идона бахшида ба Соли нави мелодӣ баргузор гардид.**

Чорабинии идона бо ташаббуси бевоситаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ташкил ва гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Ҷомӣ Кабирзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҳамадонӣ, Толибҷон Назарзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва Сулаймон Абдураҳимзода, командири қисми ҳарбии мазкур иштирок намуданд.

Нахуст, ҳайати меҳмонон бо шароити будубоши хизматчиёни ҳарбӣ, аз қабили ҳуҷраи хоб, толори китобхонӣ, ошхона, ҷойи машқу тамрин ва дигар утоқҳои зарурӣ шинос шуданд. Баъд аз шиносоӣ аз шароити қисми ҳарбӣ чорабинии идонаи солинавӣ оғоз гардид.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб зимни баромади хеш, нахуст тамоми сарбозону афсаронро бо фарорасии Соли нави мелодӣ табрику таҳният гуфта, ба волидони онҳо барои сафарбар кардани писаронашон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар изҳори миннатдорӣ намуд.

Ҳамчунин, иброз дошт, ки хизмат дар сафи Артиш барои ҳар як ҷавонмарди бонангу номус шараф ва қарзи имонию виҷдонӣ мебошад. Сол аз сол бо дастгириҳои пайвастаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қисмҳои ҳарбӣ бо шароити хуб таъмин гардидаанд. Мо ба далерию шуҷоатмандии шумо фарзандони бонангу номуси кишвар боварӣ ва эътимоди комил дорем, зеро маҳз ҳимояи марзу буми ин сарзаминро шумо сарбозону афсарони бонангу номус барзимма доред. Маҳз заҳматҳои шабонарӯзии роҳбарияти олии мамлакат ва шумо сарбозону афсарон аст, ки Истиқлолу озодӣ дар кишварамон пойдор аст»,- гуфт Саидзода Ҷамшед Ҳамро.

Сулаймон Абдураҳимзода, командири Дидбонгоҳи сарҳадии «Даҳана»-и қисми ҳарбии 0341, зимни баромади хеш, ба Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон доир ба дастгириҳои пайвастаи сарбозону афсарон ва ташкили як чорабинии хуби фарҳангӣ изҳори сипосмандӣ намуд. Мавриди зикр аст, ки дар ин чорабинии фарҳангӣ барои сарбозону афсарони қисми ҳарбӣ дастархонӣ идона ороста шуда, ба сарбозону афсарон тӯҳфаҳои солинавӣ тақдим карда шуданд.

Инчунин, ба хотири болидарӯҳии сарбозону афсарон чорабинии фарҳангӣ низ ташкил карда шуд, ки аҳли ҳунармандони бахши фарҳангии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо суруду таронаҳои ватандӯстӣ ҳунарнамоӣ карданд.

**«Ҳамрози халқ»**

# ПАЁМ-РОҲНАМОИ РУШДИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

**Дар доираи шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар беморхонаи марказии ноҳияи Хуросон воҳӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Бибиосия Аюбӣ бо кормандони соҳаи тиб баргузор гардид.**

Дар воҳӯрӣ ҳамчунин Шукрона Маҳмадализода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Идигул Шарифзода, муовини раиси ноҳия ва Ғолибҷон Сиддиқзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Хуросон иштирок намуданд.

Бибиосия Аюбӣ зимни суханронӣ зикр намуд, ки Паёми Пешвои миллат ҳамчун санади муҳими барномавӣ самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварро муайян намуда, рушди устувори ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла тандурустиро ҳадаф қарор медиҳад.

Гуфта шуд, ки таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти олии кишвар ба беҳдошти сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии кормандони соха пайваста ба мушоҳида мерасад.



Қайд гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, бо зикри дастовардҳои муҳим дар самтҳои гуногуни давлатдорӣ ва таҳлили масоили мубрами рӯз, таваҷҷуҳи хосаеро дар дохил ва хориҷи кишвар ба вуҷуд оварданд.

Ҳамчунин, Шукрона Маҳмадализода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Идигул Шарифзода, муовини раиси ноҳия ва Ғолибҷон Сиддиқзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Хуросон дар баромади худ ба самтҳои афзалиятноки Паём, аз ҷумла сиёсати дохилию хориҷии давлат, ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, риояи қонунҳои амалкунандаи мамлакат, беҳтар гардидани шароити хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ ва дигар мавзуъҳои муҳими рӯз таваҷҷуҳ зоҳир намуда, иштирокдоронро ба корҳои ободониву созандагӣ, омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва баланд бардоштани худшиносию худогоҳии миллӣ ҳидоят намуданд.

# БЕҲТАРИН ДАСТОВАРДИ СОЛ

**Соли 2025 барои ҳизбиёни вилояти Хатлон, хосса кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷайҳун, аъзо ва фаъолони ин ҳизби пешоҳанги ҷомеа соли пур аз дастоварду комёбӣ ва фараҳбахшу хотирмон буд, зеро ҳизбиёни ноҳия бо қудуми муборакии Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бинои маъмурӣ ва муҷаҳҳаз бо тамоми шароити муосири корӣ таъмин гардиданд.**





Ёдовар мешавем, ки бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун санаи 25 декабри соли 2025 ифтитоҳ гардид. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон суботи сиёсӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро асоси иродаи озоди мардум дониста, барои пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояи истиқлолият ва озодиро таҳким мебахшад.

Маҳмадшариф Маҳмадраҷабзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷайҳун зимни суҳбат ироа дошт, ки бинои маъмурии ҳизб дар доираи тадбирҳои созандагию бунёдкорӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва бо мақсади таҳкими заминаҳои моддиву техникии сохторҳои ҳизбӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бинои пешинаи Кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳия аз 3 утоқи корӣ иборат буд ва барои фаъолияти самараноки кормандон шароити мусоиди корӣ фароҳам набуд. Акнун бинои нав аз 6 ҳуҷраи корӣ, китобхона, ҳуҷраи волонтёрон ва маҷлисгоҳ бо 60 ҷойи нишаст иборат буда, дар он барои қабули шаҳрвандон, баргузории чорабиниҳои сиёсиву маърифатӣ ва фаъолияти мунтазами ҳизбӣ тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

«Ҳарчанд давоми соли 2025 дар доираи ташаббусҳои ҳизбӣ ба як қатор дастовард ноил гардида бошем ҳам, вале дастоварди арзишманди мо ин дар доираи сафари кории Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди барҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои маъмурии ҳизбӣ ва тақдими наклиёти хизматӣ мебошад. Ин дастовард барои мо кормандон ва аъзои ҳизб дар ноҳия боиси ифтихор аст. Мо, ҳизбиён ҷавобан ба ин дастгирию ғамхориҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб ваъда медиҳем, ки фаъолияти ҳизбиро беш аз пеш тақвият бахшида, нуфузи ҳизбро боз ҳам баланд мебардорем»,- мегӯяд М. Маҳмадраҷабзода.

Ба гуфтаи Маҳмадшариф Сарвари давлат зимни боздид аз бинои нав, ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардида баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки таҳкими фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ дар маҳал ба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ бояд мусоидат намояд.

Маҳз таъкидҳои пайвастаи Раиси муаззами ҳизб ва ташаббусҳои наҷибу ояндасози ҳизб дар самти идеология ва расидан ба зиндагии шоистаи мардум буд, ки мо ҳизбиён дар миёни аҳолӣ ҷиҳати пос доштани урфу одат, фарҳанги миллӣ, пешгирии таълимоти ғайриқонунии динӣ, терроризму экстремизм ва ҷалби мардум ба корҳои созандагию бунёдкорӣ корбарӣ менамоем.

Соли 2025 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, дар доираи гардиши усули «Хона ба хона» дар ду давра дар миёни аҳолӣ дар мавзуъҳои гуногун суҳбату вохӯрӣ гузаронида шуд. Маҳз натиҷаи ин вохӯриҳо буд, ки ноҳияи Ҷайҳун дар байни шаҳру ноҳияҳои вилоят пеш аз муҳлат даъвати тирамоҳии ҷавонон ба Сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро бо сарбаландӣ иҷро кард.

Инчунин, дар ҳудуди деҳаҳову маҳаллаҳои ноҳия чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ, аз қабили намоиши ҳунарҳои мардумӣ, хӯрокҳои миллӣ, намоиши дастовардҳои барзгарон ва амсоли инҳо роҳандозӣ карда шудааст, ки барои пос доштани арзишҳои миллӣ ва пешгирӣ аз хурофотпарастӣ мусоидат мекунанд. Ба ҳолати 1-уми декабри соли 2025 шумораи ташкилотҳои ибтидоӣ дар ноҳия 105 адад ва аъзои ҳизб бошад, 7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, - мегӯяд раиси Кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Ҷайҳун.

Бояд қайд кард, ки яке аз ташаббусҳои навбатӣ ва ояндасози Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ин «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» мебошад, ки бахшида ба ҷашни пурифтихори миллӣ-35-солагии Истиқлоли давлатӣ эълон шуда, дар доираи ин ташаббус тамоми аъзо ва фаъолони ҳизб саҳми арзишманди хешро дар корҳои созандагию бунёдкорӣ мегузоранд. Дар ноҳияи Ҷайҳун низ ин ташаббус дар сатҳи баланд дастгирӣ ёфта, аъзои фаъоли ҳизб дар бунёди иншоотҳои соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва таъмиру азнавсозии роҳҳо нақши барҷаста доранд.

Роҳбари давлат дар Паёми имсолаи хеш соли 2026-ро «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" эълон карданд. Маҳмадшариф Маҳмадраҷабзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун мегӯяд, ки ҷиҳати амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми имконоти мавҷуда самаранок истифода бурда, дар ободии маҳал саҳми арзишманди худро мегузоранд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ТАРҒИБИ ПАЁМ-САМТИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ ҲХДТ



**ВОСЕЪ**

Дар толори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Восеъ вохӯрии иттилоотию таблиғотӣ бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб, фаъолон ва аъзои ТҶҶ "Созандагони Ватан" баргузор гардид.

Мақсад аз баргузории чорабинӣ шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мебошад, ки рӯзи 16 декабри соли 2025 ироа гардид.

Ҳамчунин дар вохӯрӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамшерзода Комилҷон Чилла иштирок намуда, дар мавриди муҳтавои Паём ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ибрози андеша намуд.

Мавсуф таъкид кард, ки Пешвои миллат ҳамасола тавассути Паёми хеш масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро таҳлил намуда, дурнамои рушдро муайян месозанд. Барои таблиғи муташаккили Паём ҳар як узви ҲХДТ бояд дар миёни ҷомеа фаъол буда, дар корҳои созандагӣ, ободонӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ саҳми арзанда гузорад.

Дар идомаи вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба сафи гурӯҳу ҳаракатҳои ифротгаро, мубориза бо хурофотпарастӣ, тарғиби касбомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ ва донишандӯзӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосир, аз ҷумла зеҳни сунъӣ ҷиҳати рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва омодагиҳо ба истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъкид гардиданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ вакили мардумӣ ба суолу дархостҳои интихобкунандагон ҷавобҳои муфид ва қонеъкунанда пешниҳод намуд.

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО АФСАРОНУ САРБОЗОН



**ПАНҶ**

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, вохӯриҳо ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, дар ҳудуди ноҳия баргузор гардида истодаанд.

Дар ин замина, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимзода Неъматулло ва Хайридинзода Азизбек ба қисми низомии воқеъ дар ноҳияи Панҷ ташриф оварда, бо афсарону сарбозон вохӯрӣ анҷом доданд.

Дар вохӯрӣ раиси ноҳияи Панҷ Иброҳимиён Акмал ва раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҲХДТ Файзизода Каримҷон низ иштирок намуданд.

Сипас, Иброҳимзода Неъматулло доир ба муҳтавои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андеша баён намуда, муҳимияти истифодаи самараноки неруи барқ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳифзи ҳар ваҷаб хоки Ватан, пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ ва ҳимояи содиқонаи марзу буми кишварро таъкид кард. Ӯ ҷамъомадагонро ба эҳтироми муқаддасоти миллӣ, дӯст доштани Ватан ва қадрдонии заҳматҳои Пешвои миллат дар самти пешрафт ва шукуфоии давлат ҳидоят намуд.

Дар идома, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддинзода Азизбек доир ба суханронии Президенти мамлакат ва Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи мураккаби сиёсиву иҷтимоии ҷаҳони муосир, зарурати пешгирии омилҳои номатлуб, махсусан дар миёни ҷавонон, инчунин риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи танзими ҷашну маросим» ибрози назар намуд.

Ҳамзамон, раиси ноҳияи Панҷ Иброҳимиён Акмал, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Файзизода Каримҷон ва дигар иштирокдорон низ дар бораи Паём ибрози андеша намуда, афсарону сарбозонро ба адои содиқонаи қарзи фарзандӣ ва хизмати намунавӣ ба Ватан ҳидоят карданд.

Дар анҷом вакилон ба саволҳо ва пешниҳодҳои иштирокдорон посухҳои мушаххас ва қаноатбахш доданд.

# ПАЁМ-РОҲНАМОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ МИЛЛАТ

**КӮЛОБ**




Вобаста ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, дар шаҳри Кӯлоб бо иштироки Ҳакимзода Шарифҷон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва Сайвализода Салим, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб бо фаъолон, интихобкунандагони шаҳри Кӯлоб мулоқот доир гардид.

Мулоқотро Сайвализода Салим, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб оғоз бахшид. Зимни баромад Ҳакимзода Шарифҷон, Наврӯз Ҳусейнзода қайд карданд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандиро вобаста ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар танзим мекунад.

Гуфта шуд, ки соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибистиқлол як соли пур аз дастоварду комёбиҳо, соли тавсиби аҳду паймон ва дӯстии абадии ҳамсоякишварҳо- Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, соли ҷаҳду талошҳо бахри гулгулшукуфию ободонии Ватан, истиқбол аз 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми навбатии хеш изҳор доштанд, ки : "Дар ин соли пур аз дастоварду муваффақиятҳо дар ҳама самтҳои давлатдорӣ ҳамзамон, дар кишварамон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид". Дар ин сол бо ибтикори Роҳбари давлат масоили сарҳадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаллу фасли худро пайдо кард.

Инчунин, дар соли 2025 шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид.

Ҳамчунин дар маърӯзаҳо ҷанбаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фарогир буд, мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуда, вакили мардумӣ ба саволҳои интихобкунандагон посух дод.

# ПАЁМ-ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ҶОМЕА



**БАЛҶУВОН**

Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, дар ноҳияи Балҷувон мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Шамшерзода Комилҷон Чилла бо фаъолон ва масъулини сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баргузор гардид.

Дар мулоқот раиси ноҳияи Балҷувон Сафарзода Бахтиёр Ғанӣ ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Зоирзода Маърифат Оймаҳмад низ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Шамшерзода Комилҷон Чилла зимни баромади худ оид ба Паём, аз ҷумла ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳаллу фасли масъалаҳои обу иқлим, таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, нақши зеҳни сунъӣ дар рушди иқтисодии минтақа, саҳми Пешвои миллат дар ҳалли масъалаҳои марзӣ ва таъмини сулҳу суботи кишварҳои Осиёи Марказӣ ибрози андеша кард.

Ин мулоқот дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифта, аҳамияти Паём ҳамчун роҳнамои рушди устувори ҷомеа таъкид гардид.

Зикр гардид, ки Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули фарҳанги сиёсии аҳолӣ нақши муҳим ва арзишманд доранд. Зеро маҳз тавассути Паём мардум на танҳо бо дастовардҳои мамлакат, балки бо самтҳои нави сиёсати дохилию хориҷӣ шинос мешаванд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2026 ҳамчун "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" эълон шудааст. Ин иқдом ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ роҳандозӣ гардида, ҳар як фарди ҷомеа бояд онро бо корҳои нек, созандагиву бунёдкорӣ ва саҳми арзанда дар ободии Ватан таҷассум бахшад. Инчунин, зикр шуд, ки миллати тоҷик соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ буда, зарур аст ҳар як шахс ин меросро пос дошта, дар рушду пешрафти кишвар нақши фаъол дошта бошад.

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМ МИЁНИ СОКИНОН

**Ҷ.БАЛХӢ**



Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 16 декабри соли 2025 ироа гардид, дар Қасри фарҳанги ба номи Ҷалолиддини Балхӣ вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон бо интихобкунандагон баргузор шуд.

Дар вохӯрӣ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар ва Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар иштирок ва суханронӣ карданд.

Ҳамчунин дар вохӯрӣ Сулаймонзода Лола, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва Қурбонзода Қурбоналӣ Муродалӣ, муовини раиси ноҳия иштирок намуданд.

Вохӯриро Сулаймонзода Лола оғоз намуда, иброз дошт, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои муҳимми сиёсӣ ва стратегӣ дар низоми давлатдорӣ мебошад. Дар он самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар муайян гардида, вазифа ва уҳдадориҳои минбаъдаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеа равшан баён шудаанд.

Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар, Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар ва дигар баромадкунандагон зимни суханронии худ Паёми Пешвои миллатро шарҳ дода, таъкид карданд, ки таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум пайваста меафзояд. Зикр гардид, ки натиҷаи чунин ғамхориҳо дар амал эҳсос гардида, ҳамасола музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ марҳила ба марҳила зиёд карда мешаванд.

Дар фарҷом таъкид гардид, ки вазифаи ҳар як шаҳрванд дар посух ба ин ҳама ғамхориҳо ва пешрафтҳо саҳмгузорӣ дар ободонӣ ва рушди кишвар, таҳкими давлати соҳибистиқлол ва баланд бардоштани нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

# СОЛИ ДАСТОВАРДҲО ВА ИФТИХОР



**Соли 2025 дар саҳифаи таърихи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон ҳамчун соли бобарор ва пур аз дастовардҳои назаррас сабт гардидааст.**



Пешрафти соҳаи маориф, муваффақиятҳои назарраси хонандагону омӯзгорон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, пирӯзиҳои варзишгарон дар мусобиқаҳои дохилию байналмилалӣ ва дастовардҳои аҳли эҷоди театр аз сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат ва Ҳукумати кишвар дарак медиҳад.

Маориф аз соҳаҳои калидӣ ва поягузори илму дониш буда, рушди ҳар як давлат ва ҷомеа аз маориф вобастагии амиқ дорад. Соли 2025 барои аҳли маорифчиёни вилояти Хатлон соли бобарору дастовардҳо мебошад. Тавре Зиёдулло Абдулзода, сардори Раёсати маорифи вилоят мегӯяд ба ҳолати 1-уми декабри соли 2025 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 146 иншооти соҳаи маориф, аз он ҷумла 1242 адад синфхона барои 31050 ҷойи нишаст дар як баст ва дар ду баст бошад, барои 62100 ҷойи нишаст сохта шудааст.

Дар олимпиадаҳои фанни мактаббачагон соли гузашта дар даври ҷумҳуриявӣ 800 нафар хонандагон соҳиби медалҳои ифтихорӣ гардиданд, ки аз он 49 медали тилло, 105 медали нуқра ва 646 медали биринҷиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2024 259 медал зиёд мебошад.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» соли 2025 дар даври ниҳоии озмун 90 нафар ғолибони даври сеюм, аз он ҷумла хонандагони муассисаҳои таълимӣ 54 нафар, омӯзгорон 11 нафар, намояндагони касбу кори гуногун 7 нафар, донишҷӯён (магистр)-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ 18 нафар вилояти Хатлонро муаррифӣ намуданд. Довталабони вилояти Хатлон дар даври ниҳоии озмуни мазкур бо гирифтани 28 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла 2 Шоҳҷоиза, 3 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм ва 17 ҷойи сеюм дар сатҳи ҷумҳурӣ ба даст оварданд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм фурӯғи маърифат» аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии вилоят 141 нафар ғолибони даври вилоятӣ иштирок намуданд. Дар ин озмун 20 нафар довталабон дар даври ниҳоӣ ғолибият ба даст оварданд, ки 3 нафар сазовори ҷойи якум, 5 нафар ҷойи дуюм ва 12 нафар сазовори ҷойи сеюм гардиданд, ки нисбати соли гузашта 4 нафар зиёд мебошад. Ин ҳама муваффақиятҳо аз дастгириҳои маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва самараи заҳмати шабонарӯзии омӯзгорони донишманду соҳибтаҷриба дарак медиҳад,- мегӯяд Зиёдулло Абдулзода, сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон.



Ба иттилои Рамазон Насриддинзода, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон давоми соли 2025 варзишгарони вилоят аз 162 мусобиқа ва чемпионати ҷумҳуриявӣ ва 35 мусобиқаи байналмилалӣ 1264 медали тилло, 1115 медали нуқра, 1327 медали биринҷӣ, дар маҷмуъ 3706 медал ба даст оварданд, ки нисбати соли 2024, 41 медал зиёд мебошад.

Дар ҳудуди вилояти Хатлон 4162 иншооти варзишӣ, аз ин шумора 43 варзишгоҳ, 3243 майдончаи варзишӣ, 587 толорҳои варзишӣ, 40 адад ҳавзҳои шиноварӣ, 13 адад маҷмааи варзишӣ ва 246 иншооти махсуси варзишӣ фаъолият менамоянд. Давоми соли 2025 вобаста ба рушди инфрасохтори варзиш дар умум 37 майдончаи варзишӣ, 8 толори варзишӣ, ду маҷмаа ва ду варзишгоҳ бо маблағгузорӣ аз манбаъҳои буҷет 102 миллиону 805 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 28 миллиону 140 ҳазор сомонӣ, ҳамагӣ ба маблағи 130 миллиону 945 ҳазор сомонӣ сохта шудааст. Сохтмони дигар иншоотҳои соҳаи варзиш дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома доранд.

Соли 2025 дар дафтари эҷодии Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар ҳамчун соли хотирмону саршор аз дастовардҳо сабт хоҳад гардид. Ба қавли Отахон Саидзода, роҳбари ин муассисаи фарҳангӣ, дар тӯли як сол ҳунармандони театр тавонистанд 5 намоишномаи навро рӯи саҳна оваранд, ки ҳар яки онҳо барои аҳли ҳунар на танҳо кори эҷодӣ, балки як қуллаи нав дар роҳи камолоти касбӣ маҳсуб меёбад. Зеро ҳар намоишнома, дар баробари маҳсули эҷодӣ, инчунин фарзанди театр аст, бо ранҷ офарида мешавад ва бо муҳаббат ба тамошобин пешниҳод мегардад.

Дастовардҳои театр дар сатҳи ҷумҳурӣ низ боиси ифтихор аст. Иштироки ҳунармандони Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар дар Фестивали ҷумҳуриявии «Парасту-2025» бо намоишномаи «Зангирӣ ва дамгирӣ» далели равшани камолоти эҷодии дастаи театрӣ гардид. Ин намоишнома дар миёни 18 театри кишвар сазовори ҷоизаҳои бонуфуз -«Беҳтарин ансамбли театрӣ» ва «Беҳтарин ороиши саҳна» эътироф шуд. Ҳамзамон, яке аз ҳунармандони театр барои беҳтарин нақши мардона аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо сипоснома ва мукофоти пулӣ қадрдонӣ гардид, ки нишони таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҳунари асил аст.

Соли 2025 барои як тан аз чеҳраҳои барҷастаи театр, ҳунарпеша Ойимгул Давлатова, соли сарнавиштсоз аст. Ӯ бо унвони баланди давлатӣ «Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гардид, ки самараи заҳмати чандинсолаи содиқона ва муҳаббати бепоёнаш ба саҳна мебошад.

Ҳунармандони театри мазкур ҳамеша мекӯшанд, ки бо пешниҳоди намоишномаҳои дорои мазмуни баланди тарбиявию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани завқи зебоипарастӣ ва ҷаҳонбинии тамошобин саҳм гузоранд. Танҳо дар соли 2025 дастаи эҷодӣ ба 25 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон бо намоишномаи “Бозгашт” аз рӯйи асари Кароматулло Сафаров дар таҳияи Фирдавси Турдиалӣ таҳия шуда буд, сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд. Ин сафарҳо робитаи театр ва ҷомеаро боз ҳам таҳким бахшиданд.

Иштироки фаъол дар чорабиниҳо ва фестивалҳои гуногун бахши ҷудонашавандаи фаъолияти театр аст. Аз ҷумла, дар ҷашни бостонии Сада ҳунармандони театр бо композитсияи ҷашнии «Хуршед» дар шаҳри Душанбе ҳунари худро манзури тамошобинон гардонданд.

Бо чунин заминаи устувори эҷодӣ, роҳбарият ва аҳли ҳунари театр ба оянда бо боварӣ менигаранд. Тибқи нақша, дар соли оянда се намоишномаи бузурги нав омода гардида, пешкаши ҳаводорони санъати театрӣ хоҳанд шуд. Саҳна ҳамчунон зинда мемонад, зеро дар паси он дилҳое метапанд, ки ба ҳунар ва фарҳанг содиқанд.

Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар аз ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии фаъол дар шаҳри Бохтар аст, ки 80 дарсади кормандонаш аъзои ин ҳизби пешоҳанги ҷомеа мебошанд. Отахон Саидзода, мегӯяд, таваҷҷуҳи ҳамешагии Роҳбари давлат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи фарҳангу ҳунар беандоза аст, зеро ташаббусҳои наҷибе дар ин самт дар сатҳи байналмилалӣ дорад. Бояд гуфт, ки дар сафаре, ки рӯзи 25 декабр Пешвои миллат ба вилояти Хатлон, хосса ба шаҳри Бохтар доштанд, дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа, инчунин ба Отахон Саидзода хонаи истиқоматӣ тақдим карданд, ки ин тuҳфаи Роҳбари давлатро роҳбари театр дастоварди аҳли фарҳангу ҳунари вилояти Хатлон арзёбӣ мекунад.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**“Ҳамрози халқ”**

# АЗ КИТОБ ТО ҚУЛЛАИ ПИРӮЗӢ

## БАРАНДАИ «ШОҲҶОИЗА»-И ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ" ДАР СОЛИ 2025

**Дар партави сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷавонони кишвар бо такя ба дониш, илм ва китобхонӣ ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд.**



Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат чанд сол боз баргузор мешавад, ба арсаи фарҳанг ва маърифат садҳо чеҳраҳои нав, фаъолу соҳибмаърифатро пешкаш менамояд.

Дар ҳамин замина, соли 2025 донишҷӯи лаёқатманду фаъол Анушервон Раҳимов, донишҷӯи курси 3-юми Донишгоҳи давлатии Данғара, тавонист дар номинатсияи адабиёти классикӣ бо гирифтани Шоҳҷоиза миёни беҳтаринҳои ҷумҳурӣ ҷой гирад. Ин дастоварди баланд на танҳо ифтихори шахсии ӯ, балки мояи сарфарозии устодон, ҷавонони ноҳия ва умуман ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст.

Анушервон бо эҳсоси гарми ватандорӣ изҳор медорад, ки ғолибияти ӯ бевосита аз дастгирии давлатӣ, ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат ва муҳити созандаи таълимии Донишгоҳи давлатии Данғара сарчашма мегирад. Ӯ роҷеъ ба дастгириҳо аз ҷониби Сарвари давлат бо эҳтирому ифтихор мегӯяд, ки хурсанду сарфароз аз онам, ки соҳиби Сипосномаи муҳтарам Пешвои маҳбубу хирадманди кишвар гардидам. Ин дастгирии Роҳбари давлат ба мо ҷавонони давроони соҳибистиқлолии кишвар масъулият ва неруи нав мебахшад.

Ин ҷумлаҳои самимӣ эҳсоси ҷавони худогоҳро инъикос мекунанд, ки қадрдонии Пешвои миллатро ҳамчун илҳом ва неруи тоза барои хизмати минбаъда ба дилу дида қабул кардааст.

Анушервон бовар дорад, ки китоб муҳимтарин қувваи пешбарандаи ҷомеа аст. Ӯ китобро «сарчашмаи дарёи ақл, маҳзани илму дониш ва наҷотбахши инсон аз ҷаҳолат» меҳисобад. Ба гуфтаи ӯ, ҳар нафаре ки дар назди худ мақсад мегузорад, бояд то охир мубориза барад. Зеро вақте ба кор шавқу завқ пайдо мешавад, дигар душворӣ маънои худро гум мекунад. Маҳз ҳамин муҳаббат ба мутолиаи китоб буд, ки ба Анушервон имконият дод, миёни ҳазорон иштирокчӣ намоён гардад. Барои омодагӣ ба озмун ӯ муддати се моҳ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти роҳнамоиҳои устодон ва бо масъулияти баланд китобҳои зарурии номинатсияро мутолиа кард.

Анушервон Раҳимов яке аз ҷавонони фаъолест, ки андешаҳои созанда, ҷаҳонбинии миллатдӯстона ва эҳтироми хоси худро нисбат ба сиёсат ва сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ҳамеша изҳор медорад. Мукофоти бадастоварда барои ӯ танҳо дастоварди фарҳангӣ нест, балки як паёмест ба дигар ҷавонон, ки роҳи пешрафт танҳо аз мутолиа, донишандӯзӣ ва худтакмилӣ мегузарад.

Ҷавонони кишвар, бо такя ба ҳидоятҳои Роҳбари давлат имрӯз ба неруи асосии созандагӣ табдил ёфтаанд. Ин дастоварди Анушервон низ далели он аст, ки сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои муаззами миллат самараи воқеӣ мебахшад. Пирӯзии Анушервон Раҳимов бори дигар собит сохт, ки дар заминаи сиёсати фарҳангӣ ва маърифатпарваронаи Пешвои миллат ҷавонони тоҷик метавонанд ба дастовардҳои баланд ноил гарданд. Муҳаббат ба китоб, меҳнати пайваста, устувории ирода ва дастгирии давлат ӯро ба қуллаи баланд бурд. Мисраи зерин, ки Анушервон ҳамеша онро раҳнамо медонад, хулосаи зебои фаъолияти ӯст:

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат*
*баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста*
*гардад.*

Анушервон бо ин муваффақият на танҳо ифтихори донишгоҳу ҷомеа, балки намунаи самимӣ барои ҳазорҳо ҷавонест, ки имрӯз дар фазои осудаву ободи кишвар бо роҳнамоии Пешвои миллат ба илму маърифат рӯ меоранд.

**Адиба НОДИРОВА,**
**"Ҳамрози халқ"**



# СОЛИ НАВ

*Биё, эй соли пур аз бахту шодӣ,*
*Ба орзуҳои тифлон ҳамсафар бош.*
*Бирезӣ барфи бахти поку испед,*
*Ба қалбу дидаи мо шӯълавар бош!*

*Аё, соли пур аз орзуҳо,*
*Биёвар баҳри мардум шодӣ инъом,*
*Ки то дар ёди онҳо монӣ ҷовид,*
*Чу як хушсоли бофайзу накӯном.*

*Биё барнеҳ қудуми тозаю тар,*
*Аё, эй Соли Нав, соли саодат.*
*Бувад пурнозу неъмат хони мардум,*
*Зи рӯйи ту дамад файзу саховат!*

*Биё, эй муждаовар соли бохайр,*
*Бирезӣ зарра-зарра барфи заррин.*
*Ки бо дилҷамъию бо нияти нек,*
*Туро ҷашне гирем чун соли пешин!*

*Биё, эй Соли Нав, соли накӯфол,*
*Биё, бо орзуи хуш накӯ фол.*
*Туро дер интизорем бо уммеде*
*Бубахшо баҳри мардум фарру иқбол!*

*Биёвар, муждаи бахту саодат,*
*Биёвар, пайки сулҳу адлу ваҳдат.*
*Биёвар муддаои бомуроде,*
*Биёвар, аҳду инсофу муҳаббат!*

*Биё, эй Соли Нав фархунда бошӣ,*
*Чу умеди дили мо зинда бошӣ.*
*Тамоми сол ба қалбу дидаи халқ,*
*Чу рӯйи субҳи нек пурханда бошӣ!*

**ОЗАРМЕҲР**

# СОЛИ НАВ ПЕШВОЗ ГИРЕД

*Кӯҳу даштро барф пӯшонд сап-сафед,*
*Чун набот шуд оби ҳавзу шохи бед.*

*Мисли тилло ҷилва карда рӯйи он,*
*Ин саҳар нури шуъои хуршед.*

*Мо гирифта чанаҳоро дав-давон,*
*Юсуфу Иқболу Бобур бо Умед.*

*Дода овоз бар Фузайлу Нозанин,*
*Назди арча Содиқу Айюб давед.*

*Шаҳриёру Шарбатою ҳам Самар,*
*Арчаи Солинавӣ оро диҳед.*

*Меҳмон бар мо шаванд аз дуриҳо*
*Барфаку Бобоиҷони ришсафед.*

*Омада бар мулки моён Соли Нав,*
*Рақсу бозӣ кардаю пешвоз гиред.*

***Исмат ҲАЛИМ***






### Январ

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | |

### Феврал

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | |

### Март

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

### Апрел

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | | | |

### Май

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |

### Июн

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | | | | | |

### Июл

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |

### Август

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

### Сентябр

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | | | | |

### Октябр

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | |

### Ноябр

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | | | | | | |

### Декабр

| Д | С | Ч | П | Ҷ | Ш | Я |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | 31 | | | |

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Тахти рақами 412/Р3-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Маводи ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail:
**info@hhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

